# СИФАТИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ.

Submitted by Ҳайати тадорукот on 27 May, 2025 - 21:50

[1]

Гурӯҳи кории Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 54 -и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе санҷиш гузарониданд.
 Гурӯҳи кории Кумита наврасону ҷавононро барои арҷгузорӣ ба забон ва эҳтиром ба ин муқаддасоти олиамон даъват карда, иброз намуданд, ки забони тоҷикӣ на танҳо воситаи муошират, балки оинаи таърих, фарҳанг ва ҳувияти миллии мост.
Иброз гардид, ки қабул ва тасдиқи Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои солҳои 2020-2030 аз таваҷҷуҳи хоссаи роҳбарият ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди минбаъдаи забони тоҷикӣ далолат мекунад. Зеро забони тоҷикӣ дар марҳилаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ дар мақоми забони давлатӣ дар таҳкими давлату давлатдории миллӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад.

**Content rating:** Select rating
No votes yet

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

-

-

**Source URL:**https://istilohot.tj/en/node/7136?mini=2026-05

**Links**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/500267355_1221574520484623 96_6149853453725759046_n.jpg [2] https://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/500128328_1221574520064623 96_8692325907232850393_n.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/500267355_1221574520484623 96_6149853453725759046_n.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/500273997_1221574520964623 96_452799143743302421_n.jpg